Тақризи

мушовири илмӣ ба диссертатсияи Қаюмов Абдулмаънон Ҷумахонович дар мавзуи "Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ" (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогикӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 –назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ

Бояд тазаккур дод, ки дар ҷаҳони муосир омӯзиши забони англисӣ чун забони муошират ва забони хориҷии дар ҷаҳони муосир аз ҳама зиёд паҳн шуда имкониятҳои насли ҷавонро васеъ гардонида, шароит муҳайё месозад, ки онҳо неруи хешро дар соҳаҳои гуногуни фаъолият самаранок татбиқ намоянд. Вобаста ба ин, дар "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" чунин нуктаи муҳим зикр гардидааст: "Дар таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ як қатор мушкилоте мавҷуданд, ки ҳалли худро наёфта, дар солҳои охир зиёд шуда истодаанд. Омилҳои бавуҷудорандаи ин мушкилот ҳам дар дохил ва ҳам берун аз низоми маориф қарор дошта, ҳалли онҳо баррасии маҷмуиро тақозо мекунад". Маҳз, ҳалли масъала ва омилҳои бавуҷудорандаи мушкилоти бавуҷудоманда боиси интихоби мавзуи "Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз масъалаҳои муҳимми илми педагогикаи муосир" аз ҷониби Қаюмов Абдулмаънон Ҷумахонович гардидааст.

Унвонҷӯ дуруст қайд мекунад, ки мақсад аз таҳияи диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати илмӣ асосноккунии қонуният ва имкониятҳои ташкили фаъолияти маърифатӣ, ки асоси ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён ва роҳҳои самараноки ташкили фаъолияти эҷодии онҳо дар раванди таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ ва ҳамзамон санҷиши амалии он мебошад.

Ба ҳайси асосҳои назариявии кор осори бузургтарин донишмандони русу аврупоӣ ва мутахассисони варзидаи тоҷик қарор гирифта, масоили назариявии масъаларо ба таври комил аз онҳо фаро мегирад. Махсусан, аз саҳифаҳои диссертатсия маълум аст, ки асару мақолаҳои дар солҳои охир ба табърасида аз мадди назари унвонҷӯ дур намондааст. Муаллиф зимни таҳқиқи ин масъала ба бардоште мерасад, ки забономӯзии омӯзгорони ояндаи фанҳои ғайризабонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ ҳамчун як қисми таркибии муҳимми раванди таълим ва яке аз талаботи замони муосир дар шароити ҷаҳоншавӣ ба шумор меравад. Танҳо дақиқ муайян кардани асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти равияи омӯзгорӣ дар раванди таълими забони англисӣ аниқу равшан таҳқиқ шаванд.

Доираи пажуҳиши мавзуи мазкур дар мундариҷаи диссертатсия ифода ёфтааст, ки аз муқаддима, 4 боб, 10 зербоб, рӯйхати адабиёт иборат буда, дар маҷмуъ 400 саҳифаро дар бар гирифтааст.

Дар муқаддима аҳаммияти таҳқиқ, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ баён гардида, мақсад ва вазифаҳои асосии диссертатсия мушаххас шудаанд. Ҳамзамон мақсади таҳқиқот, объекту предмети таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, марҳилаҳои асосии таҳқиқот, сарчашмаҳо, методологияи таҳқиқ, арзишҳои назариву амалӣ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, навовариҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда номбар шудаанд

Арзиши назариявии таҳқиқот аз муайян намудани ақидаҳои психологӣ-педагогии системаи методӣ-назариявӣ ва низоми технологии ташаккулёбии шавқмандии маърифати донишҷӯён, бо назардошти ягонагии мазмун ва фаъолиятнокии омӯзиш, инкишофи фаъолнокии эҷодӣ ва хусусияти фаъолият иборoат аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз таҳияи методҳои самарбахши ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён, ки дар як қатор

тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ инъикос ёфтаанд, иборат аст.

Боби якуми диссертатсия "Асосҳои назариявии ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ" буда, аз 3 зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал "Тамоюлҳои методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ таҳлилу баррасӣ шудааст. Дисертант бар он назар аст, ки дар боби мазкур мо роҳҳои асосии ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро муайян намудем, ки бо такмилёбии ҳам мундариҷаи донишҳои филологӣ ва ҳам бо ташкили раванди омӯзиш алоқаманд мебошад.Дар зербобҳои дуюм ва сеюм диссертант масъалаҳои асосҳои психологӣ-педагогии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ ва мақоми шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ таҳқиқ намудааст. Ин боб, аз рӯйи андешаи мо, дар омӯхтани масъалаҳои асосҳои назариявии ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ арзиши муайяни илмиву амалӣ дорад.

Боби дуюми рисола "Самтҳои ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ" ном дошта, қисматҳои истифодаи маводҳои таълимии забони англисӣ дар ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касби омӯзгорӣ ва ангезаҳои мусоидаткунандаи ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар раванди таълими забони англисиро фаро гирифтааст. Диссертант дар таҳқиқи масъалаҳои мазкур хулосаи дуруст бароварда, қайд мекунад, ки дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва рақобати афзояндаи дониш ва технология, зарурати

ташаккули шахсияти маърифатталаб ва фаъол дар низоми таҳсилоти олӣ аҳаммияти аввалиндарача дорад.

Боби сеюми рисола “Асосҳои методӣ-ташкилии фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ ҷузъи таркибии ташаккули шавқмандии маърифатӣ унвон дошта, аз 3 зербоб таркиб ёфтааст. Зербоби якум масъалаи ташкил ва гузаронидани бозиҳои рамзӣ-нақшофарӣ тавассути маводҳои шавқмандии забони англисӣ яке аз воситаҳои ташаккули шавқмандии маърифатҷӯии донишҷӯёнро фаро гирифта, дар зербобҳои дуюм ва сеюм амалисозии таълими проблемавӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ асоси ташаккули шавқмандии маърифати донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ ва корҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ ҳамчун воситаи ташаккулёбии шавқмандии маърифати донишҷӯён таҳлилу баррасӣ шудааст. Махсусан, масъалаи асосҳои методӣ-ташкилии фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ ҷузъи таркибии ташаккули шавқмандии маърифатӣ мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор дода, диссертант зикр менамояд, ки аҳаммияти методии модели пешниҳодшаванда ва имкониятҳои ташкили раванди таълим дар факултетҳои ғайризабонӣ дар асосӣ ҳамгирой ва ба назар гирифтани принсипҳои проблемавӣ ва муоширатӣ иборат аст, ки имкон медиҳад омӯзиши забонҳоро дар факултетҳои ғайризабонии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ба таври нав ба роҳ монад.

Дар боби чоруми диссертатсия, ки “ Фаъолияти санҷишиву озмоишӣ ва натиҷагирӣ вобаста ба шавқмандии маърифатии донишҷӯён” ном гирифтааст, диссертант масъалаҳои сатҳ, меъёр ва нишондодҳои ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ, инчунин корҳои санҷишиву озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз динамикаи шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони англисиро таҳқиқу баррасӣ намудааст. Ба ақидаи диссертант дар шароити муосири таълим талабот ба равишҳои навоваронаи омӯзиш ва арзёбии

дониш рӯз то рӯз меафзояд, яке аз унсурҳои муҳимми ин раванд, мутобиқсозии фаъолияти санҷишиву озмоишӣ ва натиҷагирӣ ба шавқмандии маърифати донишҷӯён мебошад.

Ба тариқи хулоса метавон афзуд, ки диссертант дар роҳи таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ) кушиши судмандеро ба анҷом расонидааст, барои таълифи чунин диссертатсия осори таҳқиқии фаровони марбут ба мавзуъро мутолиа намуда, маводи сарчашмаҳои мухталифро ҳамчун далел мавриди истифода қарор додааст. Инчунин, маводи чопкардаи муаллиф пурра ба мавзуъ мувофиқ аст ва муҳтавои корро фаро мегирад.

Диссертатсияи Қаюмов Абдулмаънон Ҷумахонович дар мавзуи "Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ" (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогикӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ кори анҷомёфта мешуморам ва барои муҳокима ва ҳимоя тавсия медиҳам.

**Мушовири илмӣ**: доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогика ва психологияи
синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ: [signature] Нурзода Абдулбоқӣ

Имзои профессор Нурзода Абдулбоқиро
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ: С. Қодирзода

15.07.2025